**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак,шаҳраки**
**донишҷӯён, бинои таълимии №8,синф.102)**

**Тақриз**
**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хамидова Сарвиноз Хамрабоевна ба диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи «Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601-Назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст**

**1.Мутобикати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз руи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ ба бандҳои 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: ҳамбастагии қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ, шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохторҳои ниҳодӣ; таъсири тарзҳои нави технологӣ ба равандҳои ташаккул ва фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ ва ниҳодҳо; омилҳои инноватсионии дигаргуншавии иҷтимоию иқтисодӣ; қонуниятҳои таҳаввулоти низомҳои иқтисодию иҷтимоӣ; назарияи иқтисодиёти “иттилоотӣ”, “баъдисаноатӣ” ва “иқтисоди ба дониш асосёфта”. 1.2. Назарияи микроиқтисод: назарияи шуғли пурмаҳсул. 1.3. Назарияи макроиқтисод: назарияи рушди иқтисодӣ; ҷанбаҳои иқтисодии пешрафти илмию техникӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои равандҳои макроиқтисодӣ, сиёсати макроиқтисодӣ: самтҳои асосӣ ва вижагиҳои рафтори он. 1.4. Назарияи иқтисодии ниҳодӣ ва таҳаввулотӣ: инкишофи ниҳодҳои механизми хоҷагидорӣ дар ҷомеаи баъдисаноатӣ, мувофиқат мекунад.

**2.Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи ислоҳоти сохторӣ ва тақвияти равандҳои индустрикунонии босуръат, масъалаи рушди сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ аҳаммияти хоса касб менамояд. Дар ин замина, баланд бардоштани рақобатпазирии қувваи корӣ дар бозори меҳнат, мутобиқшавии он ба талаботи иқтисодиёти муосир ва ташаккули малакаҳои креативӣ ва инноватсионӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлат ба шумор меравад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар шароити рушди иқтисодиёти донишбунёд ва рақамикунонӣ, иқтидори креативии қувваи корӣ ба омили калидии баланд бардоштани самаранокии меҳнат, истеҳсолпазирӣ ва рақобатпазирии кормандон дар бозори меҳнат табдил ёфтааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои захираҳои маҳдуди моддӣ буда, ба истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ ниёз дорад, масъалаи ташаккул ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад.

Дар айни замон, бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилоти сохторӣ, аз қабили номувофиқати байни талаботи корфармоён ва сатҳи тахассусии қувваи корӣ, сатҳи пасти татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, маҳдуд будани имкониятҳои худтараққикунӣ ва рушди эҷодии кормандон, инчунин рақобати афзоянда дар бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалии меҳнат, рӯ ба рӯ мебошад. Ин ҳолат зарурати таҳқиқи амиқи асосҳои назариявии ташаккули иқтидори креативии қувваи корӣ ва муайян намудани нақши он дар баланд бардоштани рақобатпазирии кормандонро ба миён меорад.

Бо вуҷуди мавҷуд будани тадқиқоти алоҳида дар самти рушди сармояи инсонӣ ва бозори меҳнат, масъалаи иқтидори креативии қувваи корӣ ҳамчун категорияи мустақили иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ба таври кофӣ таҳқиқ нагардидааст. Норасоии заминаи назариявӣ, камбуди усулҳои илмии арзёбии иқтидори креативӣ ва набудани модели мукаммали робитаи он бо рақобатпазирии қувваи корӣ зарурати анҷом додани таҳқиқоти мазкурро тақвият мебахшад.

**3.Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсия аз асосноккунии назариявии раванди ташаккул, ташкил ва такомули истифодаи самараноки иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, иборат мебошад.

Ба натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки унсурҳои навгониҳои илмиро дар бар мегиранд, чунин муқаррарот дохил мешаванд:

1. дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ-консептуалии мавзуи диссертатсия, бо истифода аз таснифот ва равишҳои гуногуни илмӣ- назариявии олимон ва коршиносони хориҷӣ ва ватанӣ, муаллифи диссертатсия тавсифи комили "иқтидори креативии қувваи кори"-ро мушаххас ва пешниҳод кардааст. Чунончӣ, ба ақидаи

муаллиф “Иқтидори креативии қувваи корӣ - ин маҷмӯи дониш, маҳорати баланди касбӣ буда, ҳангоми қабули қарорҳои муносиби иқтисодӣ, бо дарназардошти имкониятҳои сифатӣ, микдорию зеҳнӣ ва кулли қобилияти фоидаовари иҷтимоию иқтисодии аҳолии қобили меҳнат истифода шуда бо ёрии низоми муайяни шаклҳо ва муносибатҳои шуғл тавсиф карда мешавад”;

2. хусусият ва ҷанбаҳои муҳими ташаккулёбӣ ва роҳҳои асосии рушдёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори озоди меҳнат муайян ва мушаххас гардиданд. Таъкид мегардад, ки ин вазъи муаммодори марбут, яъне ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳалаи гузаштан ба иқтисоди креативӣ- инноватсионӣ, бо фарогирии ҳолати иҷтимоии захираҳои меҳнатӣ, муносибатҳои меҳнатӣ (байни корфармо ва корманд), сатҳи пасти хизматрасонии иҷтимоӣ, хусусиятҳои танзими давлатии муҳоҷирати зеҳнӣ амалӣ мегардад;

3. дар заминаи арзёбии авомили асосии таъсиргузор ба раванди ташаккулёбӣ ва рушди иқтидори креативии қувваи корӣ, яъне омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ, ҷуғрофиявию экологӣ, илмӣ-техникӣ ва зеҳнӣ (интеллектуалӣ), иҷтимоӣ-рӯҳӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва иттилоотӣ (коммуникатсионӣ)-ҳамгироӣ (интегратсионӣ), ниҳодӣ-истеҳсолӣ, ки бо назардошти онҳо шохиси рушди инсонӣ, коэффитсиенти захоири иқтидори креативии қувваи корӣ тибқи афзоиши табиии теъдоди аҳолӣ, сатҳи маълумоти касбии вобаста ба тағйирёбии теъдоди аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол чен карда мешавад, хулоса ва пешниҳодҳо карда шудааст;

4. вазъи кунунӣ ва тамоюли рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат, пеш аз ҳама, аз рӯйи хусусиятҳои ҳамаҷонибаи аҳолии дар иқтисодиёт машғул, сатҳи талаботи микдорӣ ва сифатӣ ба қувваи корӣ дар бозори меҳнат, сатҳи зудҳаракатии қувваи корӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои чандирӣ, истифодаи қувваи корӣ, маҳорати ташкилӣ, таъмини аҳолии қобили меҳнат бо ҷойҳои корӣ мушаххас карда шуданд, ки ин ба баланд бардоштани сатҳи шуғлнокӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ, инчунин, дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар кишвар таъсир мерасонад, асоснок карда шудаанд;

5. таъсири иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳалаи муосир ба талабот дар бозори меҳнат асоснок карда шудааст, ки бо сарчашмаҳои асосии вусъатдиҳии фаъолияти илмию фарҳангии иқтидори креативӣ инноватсионии кадрҳои баландихтисос, инчунин, бо дастовардҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ вобаста буда, аз рӯи

аломати сифатию миқдории аҳолии дар бахши хизматрасонӣ шуғлдошта, ки бо дарназардошти индикаторҳои бадастомада мушаххас гашт, асоснок ва пешниҳод карда шудааст;

6. роҳҳои асосӣ ва самтҳои беҳсозии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ пешниҳод карда шуданд, ки бо равандҳои зерин муайян карда мешаванд: мутобиқгардии иҷтимоӣ тавассути сатҳи баланди дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифат, аз ҷумла тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, маориф, танзими давлатии тайёркунии мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсилоти касбии бекорон ва азнавтайёркунии кадрҳо бо ташкили шароит барои ташаккули низоми иттилоотонии бозори меҳнат, бо дарназардошти эҳтиёҷоти корфармоён, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ (ҷалби донорҳои хориҷӣ) дар соҳаи иҷтимоӣ, мусоидат барои кӯтоҳмуддатии истифодабарии вақти корӣ (ҷадвали кории чандир), ташкил ва таъмини кормандон ба сафарҳои кории хориҷӣ (сайёҳатномаҳо), дастгирии корманд бо мақсади дастрасии қарзҳои имтиёзок (масалан, барои харидории амволи ғайриманқул ва дигар лавозимоти зарурии бино) ва ғайра.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада, дар рафти таҳқиқоти диссертатсия, аз ҷониби муаллиф чунин муқаррароти илмӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

1. дар натиҷаи таҳқиқи муносибати назариявӣ-консептуалӣ ба муайян ва тасниф намудани мафҳуми “иқтидори креативии қувваи корӣ”, аз ҷониби муаллиф мафҳуми ИКҚК шарҳ дода шуда, хусусиятҳои рушди иқтидори креативии қувваи корӣ дар марҳилаи муосир вобаста ба принсипҳо, муносибатҳои меҳнатӣ ва идоракунии захираҳои инсонӣ, муайян карда шудааст;

2. дар асоси таҳлили омилҳои ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ, шохиси рушди инсонӣ, инчунин, зариби захираи иқтидори креативии қувваи корӣ вобаста ба таносуби динамикаи теъдоди аҳолии фаъол дар иқтисодиёт, баҳодиҳӣ ва асоснок карда шудааст;

3. сатҳи воқеии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобаттавонии он дар бозори озоди меҳнат, арзёбӣ карда шуда, инчунин, нақши иқтидори креативии қувваи корӣ ба талабот дар бозори озоди меҳнат муайян карда шуда, роҳҳои рушди он пешниҳод карда шудааст;

4. дар асоси таҳлили назариявӣ ва амалии мавзуъ, роҳҳои асосии такомул ва рушдёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёт, таҳия ва баррасӣ карда шуда, пешниҳод гардидаанд.

**4.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардида бо истифодаи маҷмӯи усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ, такя ба заминаи мустаҳками назариявӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи маводи оморӣ таъмин карда шудааст. Дар раванди таҳқиқот қоидаҳо ва консепсияҳои асосии иқтисоди меҳнат, назарияи сармояи инсонӣ, иқтисодиёти донишбунёд, инчунин назарияҳои рушди иқтидори креативӣ ва рақобатпазирии қувваи корӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Хулосаҳои илмӣ дар асоси таҳлили маълумоти расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маводи ҳисоботии ташкилотҳои байналмилалӣ ташаккул ёфта, бо истифода аз усулҳои таҳлили иқтисодӣ, муқоисавӣ, системавӣ, оморӣ, таҳлили динамикӣ ва усулҳои гурӯҳбандӣ асоснок карда шудаанд. Истифодаи равишҳои миқдорӣ ва сифатӣ имкон дод, ки равандҳо ва тамоюлҳои асосии рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва таъсири он ба рақобатпазирии кормандон дар бозори меҳнат муайян карда шаванд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо роҳи муқоисаи хулосаҳои бадастомада бо натиҷаҳои тадқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санҷиши мантиқии пешниҳодҳо, инчунин мувофиқати онҳо ба қонунмандиҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ таъмин гардидааст. Тавсияҳои амалии пешниҳодшуда бар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ таҳия шуда, қобили татбиқ будани онҳо дар шароити воқеии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Эътимоднокии хулосаҳо бо истифодаи натиҷаҳои тадқиқот дар раванди фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, баррасии онҳо дар конфронсҳо, семинарҳои илмӣ-амалӣ ва инчунин дар ҷараёни таҳияи маводи таълимӣ тасдиқ гардидааст. Мутобиқати хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот, инчунин ҳамоҳангии онҳо бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон далели иловагии эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия мебошад.

**5.Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳамияти илмии натиҷаҳои диссертатсия дар такмили асосҳои назариявии иқтисоди меҳнат ва рушди сармояи инсонӣ ифода меёбад. Дар диссертатсия мафҳуми иқтидори креативии қувваи корӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ дақиқ гардида, робитаи он бо рақобатпазирии қувваи корӣ дар бозори меҳнат аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст. Хулосаҳо ва натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳқиқоти минбаъда дар самти рушди иқтидори креативӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии қувваи корӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар имконияти истифодаи хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, махсусан дар раванди таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии шуғл, барномаҳои рушди бозори меҳнат, такмили низоми тайёркунӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо ифода меёбад. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм, инчунин муассисаҳои таълимии касбӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия дар баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ, афзоиши истеҳсолпазирии меҳнат ва тақвияти рақобатпазирии қувваи корӣ дар бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ ифода меёбад. Татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда метавонад ба коҳиш ёфтани номувофиқати сохторӣ байни талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат, беҳтар гардидани сифати қувваи корӣ ва баланд бардоштани ҷалбшавии он ба бахшҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ мусоидат намояд.

Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот дар беҳтар гардидани сатҳи шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани имкониятҳои худтараққикунӣ ва татбиқи иқтидори эҷодии шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, ифода меёбад. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба паст шудани сатҳи бекорӣ, баланд гардидани мутобиқшавии иҷтимоии қувваи корӣ ва тақвияти устувории иҷтимоӣ дар ҷомеа мусоидат намояд.

Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои диссертатсия дар самтҳои зерин пешниҳод мегарданд:дар таҳияи барномаҳои давлатӣ ва соҳавии рушди бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ; дар такмили стандартҳои таҳсилоти касбӣ ва барномаҳои бозомӯзии кадрҳо бо дарназардошти рушди малакаҳои креативӣ; дар фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳо ҷиҳати ташаккули муҳити ҳавасмандкунандаи фаъолияти эҷодӣ ва

баланд бардоштани рақобатпазирии кормандон; дар раванди таълимӣ ҳангоми таҳияи курсҳо ва фанҳои марбут ба иқтисоди меҳнат, идоракунии захираҳои инсонӣ ва рушди сармояи инсонӣ.

**6.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 11 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда ва 1 зербанд дар монографияи коллективӣ нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии интишороти илмӣ оид ба мавзуи рисола 5,67 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**7.Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Барасмиятдарории диссертатсия мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардидааст. Сохтор ва мазмуни кор ба меъёрҳои амалкунандаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба таҳия ва ҳимояи диссертатсияҳо ҷавобгӯ буда, ҳамаи қисматҳои ҳатмӣ, аз ҷумла муқаддима, бобҳо, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо дар он ба таври мантиқӣ ва пайдарпай пешниҳод шудаанд. Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи «Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601-Назарияи иқтисодӣ пешниҳод шудааст дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 31,33,35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**8.Эрод ва ҷанбаҳои мубоҳисавии диссертатсия**

Бо вуҷуди арзиши баланди илмиву амалии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ, ки дар сатҳи аҳсант анҷом дода шудааст, як қатор камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба моҳияти илмию амалӣ ва методологии диссертатсия муассир мебошад.

1. Дар зербоби 1- уми диссертатсия дар баъзе мавридҳо монандии андешаҳову таърифҳо ва иқтибосҳо аз муаллифони гуногун мушоҳида мегардад. Хуб мешуд, ки андешаҳои монанд ҷамъбаст ва мухтасар пешниҳод шаванд.

2.Ҷадвали 1.1 ва Расми 1.1 аз ҷиҳати мазмун муфиданд, вале шарҳи таҳлилии онҳо дар матн нокифоя аст. Тавсия мешавад, ки пас аз ҳар ҷадвал ё расм хулосаи таҳлилӣ ва натиҷаи илмии муаллиф равшан ифода гардад.

3. Дар диссертатсия, ба таври пайдарпай таъсирҳои омилҳои гуногун номбар шудаанд, вале алоқамандии байни онҳо равшан нишон дода нашудааст. Масалан: таъсири омилҳои экологӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба иқтидори креативии қувваи корӣ. (с. 65-68)

4.Ҷадвали 2.1 рақамҳои муҳим дорад, аммо фарқиятҳои байни суръати афзоиш ва ҳиссаи қувваи корӣ ба таҳлили самаранокии истифодаи ба иқтидори креативии қувваи корӣ пайваст нашудаанд. (С.69)

5. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки иқтидори креативӣ ва рақобатпазирии қувваи корӣ ба рушди устувори иқтисодиёти миллӣ таъсири назаррас доранд. Бо вуҷуди ин, тавсия дода мешавад, ки барои таҳлил ва қабули қарорҳои стратегӣ ҷадвали муттасил ва умумии таҳлилҳои бахшҳои иқтисодӣ таҳия карда шавад то сиёсати иқтисодӣ ва рушди шуғл самаранок ва мақсаднок амалӣ гардад.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки эродҳои қайдкардашуда ҷиддӣ набуда, онҳо ислоҳшавандаанд ва хусусияти тавсиявӣ дошта ба сатҳи баланди илмию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад.

**9.Хулоса оид ба мувофиқати диссертатсия ва меъёрҳое, ки тартиби додани дараҷаҳои илмӣ муқаррар кардааст**

Умуман, рисолаи илмӣ дар сатҳи баланди илмӣ ва амалӣ анҷом дода шудааст, он кори анҷомёфтаи илмӣ ва тахассусӣ мебошад. Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Азимов Наимҷон Ҳалимҷонович дар мавзуи «Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори креативии қувваи корӣ ва рақобатпазирии он дар бозори меҳнат», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050601-Назарияи иқтисодӣ, пешниход гардидааст дар сатҳи зарурӣ

омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 31,33,35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ**
**дотсенти кафедраи кори бонкии**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”** **Хамидова С.Х**

**Имзои д.и.и., дотсент Хамидова С.Х.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров** **Сайдуллозода З.С.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; Факс:(83422) 6 75 18; Тел: (+992) 92 701 97 55 E-mail: istambonu@mail.ru**

16. 02. 2026с